## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Таҳқиқу баррасии асарҳои ирфонӣ ва шинохти арзишҳои адабии онҳо аз ҷумлаи мавзуоти муҳим ва мубрамест, ки дербоз таваҷҷуҳи адабпажуҳони кишварамон ва гурӯҳи калони ховаршиносонро ба худ ҷалб кардааст. Аммо дар ин раванд сарчашмаҳои мондагоре ба мисли «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ низ ҳастанд, ки бо вуҷуди арзиши баланди адабиву бадеии худ аз мадди назари донишмандон дур монда, ҳанӯз дар ин замина таҳқиқоте монографие анҷом наёфтааст. Дар ҳоле ки таҳқиқи сабкшиносӣ ва нишон додани ҷанбаҳои поэтикии «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ, инчунин истифодаи ашъори фаровоне аз суханварони форсу тоҷик дар онҳо, осори мазкурро ҳамчун сарчашмаи адабӣ муаррифӣ мекунад, ки ин намунаҳои шеърӣ барои тасҳеҳи мутуни адабӣ метавонад истифода гардад.

Таълифи диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи **«Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ»** айни муддао буда, он бо мазмун ва мундариҷаи ҷолибаш вежагиҳои сабкӣ, ҷанбаҳои поэтикии насри Аҳмади Ғаззолиро дар бар мегирад ва бо ин, саҳифаи тозаеро дар адабиётшиносии тоҷик боз хоҳад кард.

Аз мутолеаи фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, ки барои таҳқиқи мазкур муаллиф пажуҳишҳои фаровонеро на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки кишварҳои форсизабон ва Русияву Аврупо мавриди омӯзиш қарор дода, пешинаи таҳқиқотро хеле муфассал дақиқ ва мушаххас кардааст. Хосатан, дастрасии муаллиф ба бархе аз мутуни адабии марбут ба ин адиби бузург, ки дар омӯзиши саҳифаҳои рӯзгори эшон накш ва арзиши муҳим доранд, барояш имконият додаанд, ки на

танҳо барои шинохти сарчашмаҳои рӯзгори суханвар, балки заминаҳои эҷоди ин ду асари мондагор низ ковишҳои судманде ба поён расонад.

Ба хотири муназзам ва мураттаб сурат гирифтани таҳқиқ диссертант аввал заминаҳои ба вуҷуд омадани чунин осорро дар адабиёти форсу тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида, баъдан ба баррасии амиқи сабки нигориши «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» пардохта, инчунин корбурди анвои шеърӣ дар таркиби таълифоти осори мансури Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун марҳалаи муҳимми рушди суннати таълифи ин навъ осор баррасӣ кардааст.

Таҳлилҳои амиқи қиёсии ду асари суханвар, шарҳу баёни истилоҳоти ирфонӣ имконият додааст, ки диссертант диду назари ирфонии адибро дар заминаи таваҷҷуҳи ӯ ба ду асараш ба ин мафоҳими хеле муҳим муқаррар намуда, консепсияи ахлоқии ӯро низ дар асоси ин ду асар таҳлилу баррасӣ кардааст.

Хулосаҳои диссертант аз он дарак медиҳанд, ки ӯ дар ҷараёни таҳқиқи хеш ба хулосаҳои муҳим ва мустанади илмӣ расида, дар баробари руҷуъ ба диду назари донишмандони ватаниву хориҷӣ афкори илмии мустақилона баён карда, истиқлоли андешаро дар ҷараёни натиҷагирӣ нигоҳ доштааст.

Дар маҷмуъ, аз мутолеаи фишурдаи диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «**Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ**» бармеояд, ки он дорои дастовардҳои фаровони илмӣ буда, дар заминаи истифодаи маводи зиёди сарчашмаҳо, таҳлилу таҳқиқи диду назари донишмандони ватаниву хориҷӣ ва натиҷагириҳои мустақилона ба қалам омадааст.

Дар баробари ин дастовардҳо, дар автореферат камбудиҳое низ ба назар расидаанд, ки зикри онро мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ пажуҳишҳои дар адабиётшиносии русу аврупоӣ оид ба таърихи адабиёти ирфонии форсу тоҷик анҷомёфта камтар муаррифӣ шудаанд ва ин худ баёнгари он аст, ки

дар диссертатсия аз мулоҳизоти донишмандони кишварҳои аврупоӣ камтар истифода шудааст.

2. Дар матни фишурдаи диссертатсия, хоса дар гунаи русии он ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

Албатта, ғалатҳои мазкур ҳаргиз ба мазмуну мундариҷа ва муҳтавои умумии диссертатсия таъсир намерасонад. Ба таври куллӣ, диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «**Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст, кори комилан анҷомёфтаи илмӣ ба шумор рафта, ба талаботи КОА назди ҶТ ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва
таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Шоев А.А.
Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: 93-536-43-03.
E-mail: sayron80@mail.ru.

Имзои А.А.Шоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 224-13-83. E-mail: info@ tgpu.

30.05. 2023.